## Афкори умум

**_Қобилияти ҳаётии иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъият дар ҷаҳони имрӯз аз бисёр ҷиҳат бо инкишофи асосҳои маънавӣ ва ахлоқии он муайян карда мешавад. Аз рӯзи ба даст овардани истиқлол дар Ӯзбекистон ба масъалаҳои таҳким бахшидан ва инкишоф додани маънавияти мардум, эҳёи фарҳанги миллӣ ва суннатҳои маънавӣ эътибори бузург дода мешавад._**

# ОИЛА ВА АХЛОҚ

Сарчашмаи нирӯманди он оила ба шумор меравад. Маҳз дар он сифатҳои муҳим ҳамчун эҳтиром нисбати пиронсолон, бовиҷдонӣ ва ростгӯӣ, интизомнокӣ ва хушмуомилагӣ, меҳнатдӯстӣ ва эҳсоси иззати нафс ва бисёр дигарҳо тарбия меёбанд. Президент Ислом Каримов чандин бор қайд намудааст, ки оила маъвои абадияти ҳаёт, идомати наслҳост, маконест, ки дар он анъанаҳои муқаддаси мо, урфу одатҳоямон ҳифз мешаванд, баробари ин маъвои тарбияест, ки ба чигуна ба воя расидани насли оянда бевосита таъсир мегузорад. Оила ин қонуну қоидаҳои иҷтимоии мунтазам инкишофёбанда мебошад ва ба хислати муносибатҳои иҷтимоии ҷамъият таъсири бузург мерасонад, бинобар ҳамин ҳам ба омӯзиши мустақим ниёз дорад.

Маркази омӯзиши афкори ҷамъиятии «Иҷтимоий фикр» мониторинги иҷтимоиро дар бобати ҳолати имрӯзаи оила дар Ӯзбекистон мунтазам баргузор менамояд. Аз ҷумла, моҳи маи соли равон дар байни шаҳрвандони ҷумҳурият дар мавзӯи «Оила ва ахлоқ» пурсиш баргузор гардид, ки таҳлили натиҷаҳои он бо пурсишномаҳои ҳамчунини солҳои 1999-2002 муқоиса карда мешавад. Оила дар ташаккули ҷаҳони маънавӣ ва ахлоқии инсон чӣ гуна нақш мебозад, вазифаҳои маънавии оилаи ӯзбекистониён чӣ гуна аст, омилҳои инкишофи он ба сифати қонуну қоидаи иҷтимоии анъанавӣ чӣ гунаанд? Ба ин пурсишҳои муҳим дар рафти тадқиқот ҷавобҳо гирифта шуданд.

Таҳлили натиҷаҳои он имкон медиҳад натиҷагирӣ кунем, ки афкори ҷамъияти Ӯзбекистон устуворона ба он нуқтаи назар равона гардидааст, ки оила муҳити асосии тарбия ба шумор меравад. Ба саволи «Вазифаҳои оила дар ҷамъият чӣ гунаанд?» қисмати аксарияти шаҳрвандон (70,5 фоиз)— оила дар шароитҳои кунунӣ пеш аз ҳама вазифаҳои тарбиявӣ ва ахлоқиро иҷро мекунад, гуфта ҷавоб доданд. Ҳамин тариқ ҳар як шахси саввум мӯътақид аст, ки оила асоси ахлоқии ҷамъият мебошад, 36,9 фоиз бошад, бар онанд, ки асоси он тарбияи инсон мебошад. Баробари ин аз натиҷаҳои таҳлили муқоисавӣ бармеояд, ки аҳамияти вазифаҳои мазкури он (22,2 фоиз) баланд мегардад. Ин чиз аз ҷавобҳо ба саволи «Дар ҷамъияти мо барои ташаккули ахлоқии инсон бештар чӣ таъсир мегузорад?» тасдиқ менамояд. Ба ин савол 77,1 фоизи иштирокдорони пурсиш— «Оила» гуфта ҷавоб доданд. Дар байни дигар қонуну қоидаҳои иҷтимоӣ маҳалла (43,2 фоиз), муассисаҳои таълимӣ (43,2 фоиз), муҳити иҷтимоӣ ва муҳити атроф (36,9 фоиз) ҳам номбар шудаанд.

Ташаккули оила дар ҳаёти ҳар як инсон ҳодисаи масъулиятнок ва пураҳамият мебошад. Барои аксарияти пурсидашудагон шарти муҳими ташаккули оилаи мустаҳкам муҳаббати байниякдигарӣ (52,6 фоиз) ва эътимоди тарафайни зану шавҳар (48,9 фоиз) ба шумор меравад. Ҳар шахси саввум (34,9 фоиз) бар онанд, ки устувории оиларо «сабру тоқат ва қаноатмандӣ аз ҳаёт», 27,7 фоиз бошанд, «мавҷудияти фарзандон» таъмин менамоянд. Барои ҳар шахси панҷум (20,5 фоиз) таъминоти моддии оила омили муҳими мустаҳкамии он ба шумор омадааст.

«Тарбияи маънавӣ ва ахлоқии фарзандон дар оила бояд аз чӣ падидор гардад?». Қисмати азими ӯзбекистониён (56,8 фоиз) ба ин пурсиш ҷавоб гуфта, эҳтиром нисбати калонсолонро дар ҷои аввал мондаанд. Вале дар қиёс ба пурсиши соли 1999 шумораи онҳое, ки дар рӯҳи хоксорӣ ва меҳнатдӯстӣ тарбия намудани фарзандонро (31,8 фоиз) зарур донистаанд, зиёд шудааст. Дар ҷавобҳои пурсидашудагон ба саволи «кӣ бояд бо чунин тарбия машғул бошад?» чун собиқа нуқтаи назари «падару модар» (72,1 фоиз) бартарӣ дорад. Он чиз шоистаи эътибор аст, ки шумораи онҳое, ки нақши «тарбиятгари асосӣ»-ро дар оила ба модарон нисбат медоданд, (аз 10,2 фоизи соли 2000-ум то 8,9 фоизи соли равон) кам гардидааст ва баробари ин нақши падар (аз 7,8 фоиз то 10,9 фоиз) баланд шудааст, ҳамчунин нақши бобо ва момоҳо (аз 8 то 12,1 фоиз) боло рафтааст.

Натиҷагирӣ аз хусуси зарурияти тарбияи якҷояи падару модарон ҳамчунин ҳангоми ҷавоб ба саволи «Дар чӣ гуна оилаҳо кӯдакони аз ҷиҳати ахлоқ солим ва мутаносиб тарбия меёбанд?» ба назар мерасад. Қисмати бисёрии шаҳрвандони мо бар онанд, ки дар оилаҳое, ки онҳоро падару модар баҳамҷиҳат идора мекунанд (49,8 фоиз), ҳамчунин дар оилаҳое, ки якдигарфаҳмӣ ва ҳамфикрӣ ҳукм меронад (25,4 фоиз) чунин фарзандон ба камол мерасанд. Тақрибан ҳар кадом шахси ҳафтуми пурсидашудагон нақши муҳими падарро (15,3 фоиз) ва чор фоиз нақши бобо ва момоёнро қайд намудаанд.

Маълумотҳои ба даст омада аз он шаҳодат медиҳанд, ки омилҳои ахлоқию маънавӣ дар тарбияи насли наврас мустаҳкам гардидаанд. Чун пештара барои ӯзбекистониён дар тарбияи фарзандон итоат ба волидайн, меҳнатдӯстӣ, хониш, ростгӯӣ ва ахлоқ ҷиҳатҳои муҳим мебошанд.

Масъалаи оила, баланд бардоштани беҳбудии моддии он пайваста дар маркази диққати роҳбарияти давлати мо қарор дорад. Дар ин мавриди ба таълим аҳамияти калон дода мешавад. Аз ҷумла бинобар маълумоти мониторинги иҷтимоии соли 2003-юм, ки бо супориши Бунёди бачагони СММ (ЮНИСЕФ) гузаронида шудааст, ҳаҷми хароҷоти давлатӣ дар Ӯзбекистон барои таълими мактабӣ ва касбию техникӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ бештар мебошад.

Чунон ки пурсиши маркази «Ижтимоий фикр» нишон дод, қисмати бисёрии ӯзбекистониён бар онанд, ки бояд наврасон ва духтарон (мутобиқан 91,1 ва 81,2 фоиз) соҳиби маълумоти олӣ бошанд.

Оилаи мустаҳкам ва аз ҷиҳати маънавӣ солим барои ҳаёти мукаммали аксарияти ӯзбекистониён асосҳои устуворро ба миён меоваранд. Муҳити дохилии оила ба ташаккули сифатҳои шахсияти ҳар як инсон таъсири бузург дорад ва ба раванди омезиши ӯ ба ҷамъият нақши нек мегузорад. Ғайр аз ин муносибати байни аъзоёни оила аз ҷониби кӯдак омӯхта мешавад ва минбаъд дар бунёди ҳаёти оилавии шахсии ӯ ва ба шакли бунёди муносибати вай ба он истифода мегардад.

Нишондиҳандаи муҳими аҳволи оилаи ҳозиразамон дар Ӯзбекистон ин кам шудани шумораи шикасти никоҳ (талоқ) мебошад. Бинобар маълумоти мониторинги иҷтимоии ЮНИСЕФ шумораи шикасти никоҳ дар ҷумҳурият дар дувоздаҳ соли охир якуним баробар кам шудааст ва ҳоло 9,2 фоизро нисбати сад ақди никоҳ ташкил менамояд, ки нисбати Русия, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон ва дигар кишварҳо хеле камтар аст. Ин факт муносибати нохуши шаҳрвандони моро нисбати шикасти никоҳ - 94,8 фоизи пурсидашудагон чунин посух додаанд, нишон медиҳад. Чунон ки аз пурсиши маркази «Ижтимоий фикр» бармеояд, сабабҳои асосии чунин нуқтаи назар нисбати шикасти никоҳ вайрон шудани оила, ятим мондани кӯдакон, таъсири зишти он ба рӯҳияти онҳо, ба таълиму тарбия, қобили қабул набудани шикасти никоҳ бинобар асосҳои анъанавию ахлоқии мардуми Ӯзбекистон ба шумор мераванд.

Дар рафти тадқиқоти иҷтимоӣ муносибати шаҳрвандони кишвар нисбати сиёсате, ки дар соҳаи эҳёи маънавият ва ахлоқ бурда мешавад, ошкор гардид. Ҳамин тариқ қисмати аксарияти ӯзбекистониён тасдиқ менамоянд, ки тадбирҳои ҳукумат дар ин самт қобили дастгирӣ мебошанд. Бартарияти суннатҳои ахлоқӣ бар таъминоти моддӣ дар баҳои афкори умум ҳуҷҷати муҳимест ва он шаҳодат медиҳад, ки ҷамъияти мо маънан солим аст ва суннатҳои маънавиву ахлоқии худро пос медорад. Ва дар ин бобат нақши оила ҳамчун қисмати асосии ҷамъият, ба сифати қонуну қоидаҳои иҷтимоӣ ва ҷузъи сохтори ҷамъиятӣ дар тарбияи сифатҳои маънавию ахлоқии насли наврас аҳамияти муҳим дорад.

**Анна ИВАНОВА,**
**дар асоси маводи маркази «Ижтимоий фикр» таҳия намуд.**
**(ЎзА.)**

# Санъат ва ғояи истиқлоли миллӣ

**_Дар театри академӣ-драмавии Миллии ӯзбек маҷлиси васеи Шӯрои Маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ баргузор гардид. Дар он роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳо, муассисаҳо, созмону иттиҳодияҳо, нависандагон, артистон, олимон ва намояндагони аҳли васеи ҷамоатӣ иштирок намуданд._**

Маҷлис таҳти раёсати ҷонишини Сарвазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, раиси шӯрои Маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ А.Азизхоҷаев гузашт.

Ӯзбекистон давлатест, ки роҳи мустақили ба худ хоси тараққиётро интихоб намудааст. Аз солҳои аввали истиқлол таҳти роҳбарии Президент Ислом Каримов стратегияи корхӯрдаи ислоҳот дар ҳаёт васеъ татбиқ мешавад, ки имрӯз дар саросари ҷаҳон бо номи «Модели ӯзбекӣ»-и тараққиёт эътироф шудааст.

Ғояи истиқлоли миллӣ орзуву муддаоҳои халқамонро паи бунёди ҳаёти нав дар худ муҷассам намудааст. Аз ин рӯ, ғояи истиқлоли миллиро тавассути санъати муассир дар шуури одамон, хусусан, ҷавонон ҷо намудан, тарбияи маънавию маърифӣ ва корҳои ташвиқу тарғиботиро дуруст ба роҳ мондан тақозои замон аст.

Ба сохтори таълим ҳамчун фан ворид гардидани «Ғояи истиқлоли миллӣ» далели он аст, ки дар тафаккури ҷомеа навшавии куллӣ рух медиҳад.

Роҳбари давлатамон Ислом Каримов дар баромадҳои зиёдаш вазифаҳои масъули эҷодкорони зиёӣ ва намояндагони санъату фарҳангро дар ин соҳа қайд намуда, таваҷҷӯҳу эътибори эҷодкоронро ба офаридани осори тасвирӣ, мусиқӣ, театрӣ ва адабие ҷалб намуд, ки дар худ саҳифаҳои рӯшани таърих, ҳаёти воқеии рӯз, орзуву умедҳои наҷиби халқро мунъакис карда бошанд.

Дар солҳои истиқлол навъҳои гуногуни санъат инкишоф ёфтанд. Ин имкониятҳо зиёиёнро ӯҳдадор мекунад, ки ба тавассути осори мукаммали бадеӣ ва усулҳои муассир дар шуури ҷавонон ғояҳои муҳаббат ба Ватан, садоқат ба кишвар ва фидокориро ҷо намоянд. Истифодаи нерӯи ғоявию бадеӣ дар роҳи тарбияи инсони комил бояд бартарият дошта бошад. Баҳри ин бояд китобхонаҳо, театрҳо, қасрҳои фарҳангӣ, боғҳои истироҳат, осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои маърифӣ фароху пурсамар кор баранд. Тадбирҳое бояд гузаронанд, ки ба ҷавонон ғизои рӯҳиву маънавӣ медиҳанд, ҷаҳонбиниашонро ташаккул медиҳанд.

Муассисаҳои маданӣ-маърифӣ бояд маскане бошанд, ки ҳисси худшиносии миллии ҷавононро ташаккул диҳанд, онҳоро ба эҳтироми таъриху зебоии воқеӣ раҳнамун созанд. Роҳ набояд дод, ки ба соҳаи санъату фарҳанг осори аз лиҳози ғояву бадеият суст, бегона аз арзишҳои миллӣ ворид шаванд.

Иштирокдорони маҷлис изҳор намуданд, ки бояд моҳияти сиёсати рӯз, тағйиротҳои оламшумулии дохили мамлакат ва ҷидду ҷаҳдамон пайи бунёди ҳаёти нав бо далелҳои воқеӣ дар байни халқ тарғиб карда шавад.

Бояд ба одамон ва аҳолӣ гаштаву баргашта фаҳмонд, ки тарбия масъалаи ҳаёту мамот аст, ҷавононро ба ҳоли худ мондан, лоқайдӣ дар талоши мафкуравӣ ба оқибатҳои номатлуб бурданаш мумкин. Зеро ғояи истиқлоли миллӣ мисли нон азизу муқаддас аст. Дар маҷлис бори дигар таъкид гардид, ки образи қаҳрамони рӯзро офаридан як қисми муҳими кори маърифӣ-мафкуравӣ аст.

Ҷамъомад чун дар рӯҳи ошкорбаёнӣ ва баҳсу мунозира гузашт, иштирокдорон зикр намуданд, ки дар тарғибу ташвиқи ғояҳои истиқлоли миллӣ масъулон баъзан ба назарфиребӣ роҳ медиҳанд.

Қайд гардид, ки камбудиҳо бартараф карда шаванд, ба беобрӯшавии ғояи истиқлоли миллӣ роҳ набояд дод. Тарғиби он бо далелҳои ҳаётӣ вазифаи санъаткорон ва зиёиён аст.

Ба сухан баромадагон: вазири корҳои фарҳанг Б.Қурбонов, сардиректори иттиҳодияи истеҳсолии «Ӯзбектеатр» О.Ризаев, ҷонишини сардиректори иттиҳодияи эстрадии «Ӯзбекнаво» А.Ҷабборов, ҷонишини аввали раиси ширкати Ӯзтелерадио Н.Маҳмудов, мусаввир А.Мирзаев, режиссёр Р.Ёриев ва дигарон таклифу мулоҳизаҳояшонро оиди ҷо намудани ғояи истиқлоли миллӣ дар шуури ҷавонон, боз ҳам пурзӯр намудани нақшу аҳамияти санъат, тарбияи маърифию мафкуравӣ ва пурсамар намудани корҳои тарғиботӣ баён карданд.

Дар маҷлис Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Х.Султонов иштирок дошт.

**Н.УСМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

# Рӯзи СММ

**_58 сол қабл аз ин, 24 октябри соли 1945 Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) эътибор пайдо кард ва аз соли 1948 он чун Рӯзи СММ ҷашн мегардад._**

Мақсадҳои СММ нигоҳ доштани сулҳи байналмилалӣ ва амният, бартараф кардани ҳар гуна таҷовуз, ба амал татбиқ кардани ҳамкории байналмилалӣ дар ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва башардӯстӣ мебошад.

Алҳол 191 давлат аъзои СММ аст.

Ёздаҳ сол қабл аз ин 2 марти соли 1992 Ӯзбекистон низ ба он дохил шуд ва узви баробарҳуқуқи он гардид. Дар тӯли ин солҳо ба шарофати кӯшишҳои эҷоди сулҳ ва сиёсати хориҷии мутаносиб дар арсаи байналмилалӣ нуфузи баландро соҳиб гардид.

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар баромадҳои худ аз минбари баланди СММ мустаҳкам намудани ҳамкориро дар мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ дар миқёси ҷаҳон ва минтақа таъкид кард. Даъват намуд, ки қувваҳо дар мубориза бар зидди паҳн намудани моддаҳои нашъаовар муттаҳид гардида, ба он диққатро ҷалб кард, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ масъалаи экологӣ низ хеле хассос мебошад.

Сулҳ ва тараққиёт аз масъалаҳои асосии замони мо ва ормонҳои умумии халқҳои ҳамаи мамлакатҳо ба ҳисоб меравад. Воқеаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки нақши СММ дар пойдории мунокишаҳои ҳарбӣ дар гӯшаҳои гуногуни сайёраи мо беназир мебошад.

Нақши СММ дар ҳифзи сулҳ ва эътидол мустаҳкам буда, ягон созмони байналмилалӣ онро иваз карда наметавонад. Низомнома ва принсипҳои СММ бояд меъёрҳои асосӣ бошад, ки дар доираи он проблемаҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл мегарданд.

**Б.МАМАҶОНОВ.**
**ОИ «ҶАҲОН».**
НЮ-ЙОРК.





Имрӯзҳо дар саҳроҳои хоҷагии ширкатии «Қопқа»-и ноҳияи Оққӯрғон кор ҷӯш мезанад. Ҳама аз паи сари вақт ҷамъ оварда ба пунктҳои қабул расонда додани ҳосили бо арақи ҷабин рӯёндашуда мекӯшанд. Сафи чинакчиёни бисёрҳазоркилограммчӣ низ меафзояд. Баробари чинакчиён дар пахтазор мошинҳои пахтачинӣ низ ҷавлон мезананд. Ба воситаи онҳо ҳар чи бештар пахта ҷамъ оварда мешавад.



**Дар суратҳо: 1.** Раиси хоҷагӣ **А.Бӯриқулов** (дар мобайн) бо ронандаи мошини пахтачинии «Кейс» **С.Араббоев** ва пудратчӣ **Ғ.Нурҷонов** дар пахтазор. **2.** Мошини пахтачин ҷавлон мезанад. **3.** Чинакчии пешқадам **Қ.Тоҷиева,** ки рӯзе то 90-100 килограммӣ «тиллои сафед» ҷамъ меоварад.

**Суратгир: Ҳ.АВВАЛОВ.**

# «Сонӣ» кормандҳоро ихтисор мекунад

**_Корхонаи бузурги электронии Ҷопон «Сонӣ» дар се соли наздик мақсад гузоштааст, ки коргаронни худро аз 15 то 20 ҳазор нафар ихтисор намояд. Дар ин хусус рӯзномаи бонуфузи Ҷопон «Ниҳон кейсай симбун» навиштааст._**

Дар роҳбарияти «Сонӣ» тасдиқ намудаанд, ки дар вақтҳои наздик дар хусуси бозсозии корхонаи бузург қоидаҳои навро эълон менамоянд. Ихтисор намудани коргарон низ аз ҷумлаи он мебошад. Дар ин нақшаи корхона инчунин пӯшида шудани яке аз заводҳои ҷамъоварии телевизорҳо дар худи ҳудуди Ҷопон низ сухан меравад.

Намояндаи корхона дар мусоҳиба ба оҷонсии «Ройтер» гуфтааст, ки «ихтисор намудани ҷойҳои корӣ ва пӯшидани корхона масъалаи ҷиддӣ аст, аммо вақт ва шартҳои пӯшида шудани он то ҳанӯз то охир таҳия нагардидааст».

Корхонаи мазкур ҳоло мубориза мебарад, ки эҳтиёҷоти ба маҳсулоти он камгардида дубора ба мақоми собиқаи худ муваффақ гардад. Ҳоло бошад «Сонӣ» аз зиёд будани маҳсулоти нофурӯхтаи корхона зарари калон мебинад.

Рӯзномаи «Ниҳон кейсай симбун» навиштааст, ки «Сонӣ» мехоҳад дар бораи таъсис додани корхонаи муштарак бо «Самсунг»-и Курияи Ҷанубӣ эълон намояд. «Сонӣ» инчунин аз паст рафтани иқтисодиёти ИМА зарар дидааст, ки харидорони асосии маҳсулоти он маҳз дар ин мамлакат мебошад.

# Танҳо ба эҳтиёҷоти дохилӣ

## сарф мешавад фоидае, ки дар Туркманистон ба даст меояд

**_Дар Туркманистони ҳамсоя ҳар донишҷӯе, ки ба мактаби олӣ дохил мешавад, пешакӣ медонад, ки ӯ пас аз хатми факулта ба кадом даргоҳ ба кор меравад. Чунин пешбинӣ ба шарофати сиёсати оқилонаи соҳаи таълим ва тарбияи кадрҳо муяссар мегардад._**

Дар айни ҳол, ки дувоздаҳсолагии истиқлолияти ҷумҳурӣ (27.Х) ҷашн мегардад, сиёсати ҳукумат дар ҷодаи таълим ва тарбия намудани насли наврас бебозгашт пеш бурда мешавад, ки бино ба тақозои иқтисоди бозаргонӣ ва ба ҳаёти ҷамъият ворид гардидани падидаҳои нави иҷтимоӣ 30 фоизи донишҷӯёни донишгоҳҳо барои таҳсили худ пул мепардозад ва бо вуҷуди он барои стипендияи ҳар як донишҷӯ ҳукумат соле аз 800 ҳазор манат то 1 миллиону 500 ҳазор ҷудо мекунад.

Дар сурате ки ҳанӯз ҳам дар Туркманистон газу намаку чароғу об бепул аст, роҳкирои наклиёти шаҳрӣ низ тақрибан ройгон мебошад. Он ҳамагӣ 50 манат аст. Дар ҳоле ки як доллар беш аз 5 ҳазор манат аст, ҳисобаш осон мебошад, ки ҳар як бор истифода намудан аз автобуси шаҳрӣ барои мусофирон чӣ қадар арзон тамом мешавад. Гузашта аз ин дар Барномаи тараққиёти ҷумҳурӣ то соли 2020 зикр гаштааст, ки роҳкиро дар ин муддат тағир нахоҳад ёфт.

Дар шароити имрӯз ҷамъияти Туркманистон дар баробари Маҳсулоти нохолиси дохилии 10,6 фоиз барои некӯаҳволии худ аз ҳукумат танҳо соли гузашта 30 млрд.доллар субсид гирифтааст. На танҳо миқдори пахтаро то соли 2020 аз 2 млн.тоннаи соли равон то ба 5 млн.тонна, балки истихроҷи нафту газро низ то ба ин сол ба маротиб афзудан мехоҳад.

Чунин зарфияти иқтисодӣ имкон медиҳад, ки даромади 6 ҳазор доллари солона ба сари кас соли 2020 ба 15 ҳазор бирасад.

Нуктаи дигаре, ки аҷиб аст, боз аз ҳамон мавзӯи таълиму тарбия мебошад, ки дар аввал зикраш рафт. Дар тӯли таҳсили худ ҳар як кадри ояндаи соҳиби маълумоти олӣ ними вақти барои таълим ҷудошударо дар истеҳсолот сипарӣ менамояд. Яъне донишҷӯ дар ҷараёни таҳсил ҳамзамон бо машғулоти амалӣ чунон ҷиддӣ ва аз наздик андармон мегардад, ки аз як нигоҳ он тадриси ғоибона ва ё шабонаро мемонад, ки кас дарсро дар баробари кор дар муассиса ва ё ҷои дигар пеш мебарад. Маъмулан ҳар як ҷавонро худи корхона ба таҳсил раҳсипор мекунад, ба умеди он ки рӯзе ӯ бо дипломи ихтисосӣ ба он даргоҳ омада меҳнат мекунад.

Имрӯз Туркманистон бо аҳолии қариб панҷмиллионнафараи худ, ки соле афзоишаш 1,5 фоизро ташкил менамояд, он дар байни ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ аз ҳама зиёд аст. Ва 45 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ шаҳрнишин мебошад, ки ин нисбат ба кишварҳои ҳамсоя зиёд мебошад.

—Дар ин муддати то соли 2020,—тавре ки сафири Туркманистон дар Ӯзбекистон Султон Пирмуҳаммадов мегӯяд,—даромади моддии мамлакат танҳо барои эҳтиёҷоти дохилӣ сарф мешавад, зеро ҷумҳурӣ аз хориҷ ҳеҷ қарз надорад.

**Тоҷибой ИКРОМОВ.**

# Дар ҳошияи таърихе, ки медонему намедонем

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

## «Босмачӣ»— зодаи таҳаввулоти иҷборӣ

Таърихшинос, корманди АУ Тоҷикистон Намози Ҳотам навиштааст:«Сабаби асосии ҳаракати зидди шӯравӣ дар сарзамини Бухоро ва шакли оммавӣ гирифтани он дар бархӯрди зӯроварона ва таҳқиромези шӯроҳо ба тарзи зисти мардум, дину оин ва суннатҳову арзишҳои он буд. Ба саисхонаи асп табдил ёфтани масҷидҳо ва нобудкунии Қуръонро дида мардум аз низоми нав рӯ гардонд».

Аз он чӣ зикр ёфт, душвор нест хулоса кард, ки дар кишварҳои Осиёи Миёна, гарчи гурӯҳи фирқаҳои зидди аморат, ҳокимиятҳои маҳаллӣ вуҷуд дошт, аммо ҳеҷ кадом аз онҳо (ҳатто дар якҷоягӣ ва муттаҳид будан ҳам) қодир набуд, ки режими мавҷудаи сохтори ҳукумат (аморати Бухоро)-ро сарнагун намояд. Саъю кӯшиши «Ҷавонбухороиён», «Воқеаи Колесов» (1918) инро собит карда буд. Аз тарафи «оммаи васеъ дастгирӣ ёфтани Артиши Сурх» аз ҳақиқат дур будааст. Босмачигарӣ, аниқтараш: ҷунбиши миллӣ-озодихоҳӣ дар кишварҳои Осиёи Миёна баъди ҳуҷуми Аскарони Сурх, бедодгариҳои бемисли онҳо ба вуҷуд омад. Вай— падидаи таърихӣ, зодаи таҳаввулоти зӯроварона ва иҷборӣ будааст.

## Таназзул

Дар охирҳои қарни XIX Туркия мамлакате буд, ки дар он ҷунбиши зидди истисмор, талоши озодихоҳӣ ва истиқлолият авҷ гирифт. «Ҷавонтурк» ба тавлиди бародарони «ҷавонафғон» (тавассути Маҳмуди Тарзӣ ва нашрияи навҷӯёнаи ӯ «Сироҷ-ул-ахбор» ва «Ҷавонбухориён» (дар шахси Фитрат, Ф.Хӯҷаев...) саҳми асосӣ дошт. Дар ибтидо идеологияи ҷавонтуркҳои навҷӯ асосан аз ташвиқу тарғиби маориф, техника, иттиҳоди халқҳои мазлум, озодӣ аз юғи истисмори империализми англис, ваҳдати миллати ислом, рушди иҷтимоии ҷомеа иборат буд.

Ҷунбиши густурдаи миллӣ-озодихоҳӣ, ки бо номи «босмачигарӣ» машҳур шуд, баъди шикасти салтанати аморат барои чанд фирқаи ноком, инчунин, ба баъзе ҷадидони аз сурхҳо канорагирӣ намуда як сарчашмаи умед ва боварӣ ба таъсиси сохтори ҷадиди халқӣ дар кишвар буд. «Босмачӣ» охирин орзуву умеди амири тахтвожгун Олимхон буд. Аммо дар ин ҷода ба хатогиҳои бисёр роҳ дод.Ба муттаҳидиву тифоқии тамоми қувваҳои ҷунбиш ноил шуда натавонист.

Гузашта аз ин, дар соли 1921 ба ҷои Иброҳимбеки содиқ ба мансаби сарфармондеҳии ин ҳаракат гузоштани Анварпошшо аз хатоҳои навбатӣ ва ҷиддии ӯ буд. Чунки ин генерал, (собиқ вазири дифоъ дар Туркия) шахсияти мураккабе буд. Мақсади ниҳоии ӯ—муттаҳид намудани қувваҳои ҳамирқаш ва ба ин васила шикаст овардан ба англисҳо (бо роҳи лашкар кашидан ба Ҳиндустон). Барқарор намудани обрӯи дар Туркия аз даст рафтааш; ташкил намудани як империяи бузург; (на берун кардани Аскари Сурх аз хоки Бухоро!) Нақшаи Анвар ба Ленин ҳам маълум буд. Мулоқоти Анварпошшо ва Ленин инро собит менамояд (Профессори яке аз Университетҳои ИМА Эраҷи Баширӣ А.Холиқзода, С.Аюбов).

Вақте ки Олимхон дар моҳи сентябр аз тахти худ бенасиб шуда муддате дар хоки Бухорои шарқӣ (Тоҷикистони ҳозира) монд, бо амири Афғонистон гуфтушунид мекард. Дар Кобул ҷилави ҳукумати нав аз с.1919 боз дар дасти амир Амонуллохон қарор дошт. Амонуллохон, ки ҳамсараш—Сурайё духтари Маҳмуди Тарзӣ (вазири хориҷаи Афғонистон) буд, бо андешаҳои ислоҳотоварии панисломистон, «ҷавонафғонҳо»-и аз Туркия таълим ба даст оварда гаравида буд. Бо ҳукумати нави Ленин-Россияи болшевикӣ равобити мустаҳками дӯстона барқарор карда буд. Ба Олимхон паноҳгоҳи сиёсӣ додани Амонуллохон аз ҳамон сиёсати панисломӣ сарчашма мегирифт. Ва ин, назар ба муносибаташ бо болшевикон муҳимтар будааст. Барои Ленин ҳам Афғонистон муҳим буд. Ба ҳамин нисбат, аз ин ки Амонуллохон ба Олимхони аз дасти Аскарони Сурх фирорӣ гашта паноҳгоҳ дод, чашм пӯшид.

17 май, вақте ки Олимхон ба Кобул омад, Амонуллохон мактуби муфассали 20-уми апрели (соли 1921) навиштаи В.Уляновро ба тозагӣ гирифта, мутолиа дошт. (ниг.ба «Советско-афганские отношения» 1919-1969.М. 1971. саҳ. 33-34).

## Бархӯрди манфиати мамлакатҳои абарқудрат ва шикасти ҳаракати босмачигарӣ

Афғонистон, Англия, Эрон, Туркия, Россия ба ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ (босмачигарӣ) дар Осиёи Миёна бевосита ё билвосита даст доштанд. То замоне, ки аз он ба худ манфиате медиданд. Дар асл, ин мамлакатҳо байни худ зиддият низ доштанд. Афғонистону Туркия ва Россия Англияро душмани худ медонистанд. Як даст ба Ленину дасти дигар ба Амир Олимхон дароз намудани ҳукумати амонӣ аз ин шаҳодат медиҳад. Дасти ёрӣ ба Афғонистон дароз кардани Ленин ҳадафи тавсиа бахшидани ғояҳои хаёлпарастонаи «инқилоби умумиҷаҳонӣ» бошад, кӯшиши Амонуллохон ҷиҳати мустаҳкам нигоҳ доштани риштаҳои алоқа бо Ленин нишонае аз тарси Англия, инчунин нишонае аз дастгирӣ ёфтани ҳукумати ҷадидроҳ аз тарафи Россияи болшевикӣ, ки дар роҳи нав буд. Кӯмаки ҳукумати машрутахоҳ ба босмачиён ба воситаи амири тахтвожгун—Олимхон аз нияти таъсиси ҳукумати демократии миллии исломӣ дар Бухоро маншаъ мегирифт, ки инро мафкураи панисломӣ тақозо мекард. Ба ҷавонбухороиёну босмачиён дасти ҳиммат ва марҳамат дароз кардани Туркия низ аз ҳамин ҳавзи сиёсат об мехӯрд.

Таърих гувоҳ аст, ки охирин орзуву умеди озодихоҳон, инчунин охирин умеди амири Бухоро Олимхон, лашкарони ислом таҳти сарварии Иброҳимбек с.1931 дар дарёи Панҷ ба оби дарё ғарқ шуд. Яъне ҳангоми убури дарё аз тарафи Афғонистон ба ин тараф муҷоҳидони озодиҷӯ дар ҷазираи мобайни дарё аз ҳар ду тараф ҳадафи тирборон қарор гирифтаанд. Дар шимол онҳоро тиру тӯпи Аскарони Сурх мунтазир буду дар ҷануб (ақибгоҳ)— малишаҳои афғонӣ.

Ҳамин тавр, ҷунбише, ки ҳанӯз дар соли 1921 шаст ҳазор ҷонибдори силоҳбадаст дошт, байни ду давлат дар ҷазира монд, ба оби дарё ғарқ шуд. Дар замони шӯравӣ инро ба об рафтани орзуҳои амири Бухоро мегуфтанд. Дар асл, ин беному нишон шудани ҳазорон нафар мардони шуҷоъ ва озодихоҳ буд, ки сиёсати давр ба гӯшаи хаёл овардани онро номатлуб медонист.

Истиқлолият муборизони ин роҳро ҳамеша ба некӣ ёд ва сабти таърих менамояд.

**М.ОТАХОНЗОДА.**

